## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (Душанбе, 2023)**

Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492), ки 600 сол муқаддам чашм ба ҷаҳони ҳастӣ кушодааст, аз адибон охирин абармардест, ки як бахши рӯзгори адабиву фарҳангии садаи миёна бо номи ӯ оғоз ва фарҷом мепазирад. Чунки пас аз садаи XV шоиру донишманде ба чунин тавоноӣ дигар ба майдони ҳунар наомадааст. Мавлоно Ҷомӣ таълифоти зиёде доир ба сарфу наҳв, аруз, қофия, муаммо, мусиқӣ ва нуҷум ба қалам овардааст.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки Назар Б. масъалаҳои нақш ва ҷойгоҳи қофия ва радифро дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба таври муфассал ва дақиқ мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Муаллиф мавзуъро ба се боб, ҳафт фасл, панҷ зерфасл хулоса ва рӯйхати адабиёт ҷудо карда, масоили дахлдори ҳар бобро бо низоми муайян ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муқаддимаи кор аз ҷиҳати сохтор пурра ба меъёру талаботҳои диссертатсиянависӣ ҷавобгӯ буда, мавзуи дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, тозагии илмиву аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ ва мавзуоти мавриди дифоъ баён ёфтаанд.

Дар боби аввал, ки “Назариёти Абдурраҳмони Ҷомӣ оид ба нақш ва ҷойгоҳи қофия ва радиф дар шеър” унвонгузорӣ шуда, муҳаққиқ назариёти Абдурраҳмони Ҷомиро оид ба моҳияти шеър, бахусус қофия ва радиф ва нақшу ҷойгоҳи онҳо, аввал дар шеъру манзумаҳояш, сониян дар “Рисолаи қофия” ба таври мухтасар иброз намудааст.

Боби дуюми диссертатсия “Қофия ва нақши он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” таълиф гардида, дар он муаллиф кӯшиш намудааст, аҳаммияти нақши қофия ва зарурати интихоби вожаҳои қофияшавандаро дар ҳамбастагӣ бо корбурди калимаҳои ҳамнишин дар ғазалиёти Ҷомӣ муайян намояд. Ӯ таъкид менамояд, ки Ҷомӣ дар ғазалҳояш қофияро ҳадафмандона истифода бурда, ваҳдати комили шаклу мундариҷаи онҳоро, ки бо ҳам мувофиқ ҳастанд,шарҳ медиҳад.

Дар боби сеюми диссертатсия “Радиф ва таҳаввули он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” ном дошта, дар ин боб асосан масъалаи радиф ҳамчун унсури муҳимми шаклсоз ва маъниофар, ки хосси шеъри форсии тоҷикист, ба пажуҳиш кашида шудааст. Тавре маълум аст, радиф дар шеър бар тақвияти қофия меояд ва таносуби комилро дар шеър ба вуҷуд

меорад, зебоӣ ва моҳияти суханро маъно мебахшад. Муҳаққиқ ҳангоми муайян намудани сохтори радиф дар ғазалиёти Ҷомӣ таъкид мекунад, ки радиф дар сохти офариниши Ҷомӣ нақши савтиву мусиқоӣ ва имтиёзи махсус дорад. Ҳамчунин маҳорати истифодабарии радифро аз ҷониби шоир, ки тавонистааст робитаи низоми овоии калимаҳоро таъмин ва ҳамнавоии мутаносибро миёни унсурҳои сохтории ғазал барқарор кунад ва такмил бахшад, мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст.

Назар Бохруло дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ба мақолаҳои илмию назарии донишмандоне чун А.Е. Кримский, Эдвард Браун, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, Абдуғанӣ Мирзоев, Аълохон Афсаҳзод, Расул Ҳодизода, А. Сатторзода ва дигарон ҳамчун сифати маводи назарӣ такя намудааст.

Диссертант мақсад ва вазифаҳоеро, ки дар таҳқиқоти мавриди назар дар пеши худ гузоштааст, хеле хуб ҳал карда, ба натиҷагириҳои тозаи илмӣ даст ёфтааст. Хулоса ва натиҷаҳои диссертант дар 12 банд ҷамъбаст гардида, барои истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст.

Ба ҳамин тартиб, автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопнамудаи диссертант мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигориши он аз мустақилияти фикрӣ ва пажуҳишҳои илмии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқӣ ва имлоию услубии автореферат қавӣ буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Ба хотири боз ҳам тақвият ёфтани корҳои минбаъдаи муҳаққиқ чанд нуктаро ба унвони пешниҳод таъкид менамоем, ки ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо паст намекунад. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия тафсилоти баъзе аз фаслу бобҳо тул кашидааст, агар он кутоҳтар ва аҳаммияти мавзуъ зиёдтар нишон дода мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.
2. Ғалатҳои имлоӣ услубӣ ва китобат дар баъзе саҳифаҳои автореферат мушоҳида гардиданд, ки ислоҳи онҳо кори ояндаи диссертант хоҳад буд.

Хулласи калом, камбудҳои манзуршуда ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар назди худ гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расонидааст.

Фишурдаи рисола ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, асосоти мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шудааст ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

**Номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиоишунавоии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** **Мирзода З.Қ.**

**«19» апрели соли 2023**

**Суроға: 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73.**
**Тел.: + 992 918-75-81-38**
**E-mail: mirzoda-z @mail.ru**

**Имзои Қ.З. Мирзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода»** **Ҳомидова З.Ҳ**

**Суроға: 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73.**
**Тел.: (+ 992 37) 231-18-27, (+ 992 37) 231-45-45**
**E-mail: tajartins @yandex.com**

**«19» апрели соли 2023**